**АБДУРАҲИМ МУТАЛЗОДИ ФАРХОРӢ**

# АШКИ МОДАР

Душанбе
«Адиб»
2009

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-49

***Аз бародарам Юсуфҷони Муталзода, ки дар нашри китоб саҳмгузор аст, сипогузорам.***

***Муаллиф***

Муҳаррир *Гурез Сафар*

А-49 Абдураҳим Муталзоди Фархорӣ. **Ашки модар** *(шеърҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2009 – 48 саҳ.

«Ашки модар» асосан як силсила шеърҳои ба модар бахшидаи шоирро дар бар гирифтааст. Ҳар кас ба қадри модар намерасад, ӯ на ба қадри Ватан мерасад, на ба қадри устод, на ба қадри фарзанд ва на ба қадри худ. Аммо ба қадри модар расидан он нест, ки дар ҳаққи модар нолаву навҳа биборӣ ва ё танҳо гӯраш обод дорӣ. Ба қадри модар расидан ин аст, ки замина бисозӣ то модар худро аз маърифати имрӯзааш як зина боло бурдан тавонад.

ISBN 978-99947-64-36-5

© Абдураҳим Муталзоди Фархорӣ, 2009

## АШКИ МОДАР

Дар забонам номи Ҳақ додам ҷавоб,
Ас-салому ҳамдами розам Худост.
Ёди модар мекунам баҳри савоб,
Нуктасанҷу нуктапардозам Худост.

Нимашаб бедор гардидам зи хоб,
Модари ғампарварам бедор буд.
Дар дили шаб ашк – борони саҳоб
Модарамро дар сари рухсор буд.

Хастаҷону хастадил аст ӯ тамом,
Зери лаб хонда сурудеро ба дард.
Гӯиё дар ин сукути тирашом
Бо ғаму андӯҳи худ кардӣ набард.

Ҳар гаҳе аз тифлиаш омад ба ёд,
Қалби поки безабонаш пора гашт.
Рафта-рафта пеши дарду ғам фитод,
Нотавону оҷизу бечора гашт.

Наҳс медиданд гӯё одамон
Дар қудуми афсари рус он замон.
Бо дили садпора аз шар-ал амон,
Кӯч мебастанд мардум аз Виён.

Тарси он дар сар, ки рус ояд ҳамон,
Молу мулки шон ба яғмо мебаранд.
Бехабар аз он, ки нахли умрашон
Мондаву худ дар ғарибӣ мераванд.

Дар канори рӯди Панҷи беназир
Даҳшат омад пеши рӯшон ҷилвагар.
Бекасу овораву умре сағир
Шаш нафар – шашто ғарибони бепадар.

Шомуҳаммад буд калону ҳамчунин,
Он Сияҳмӯ буд ягона муштипар,
Ҳам Ятиму Шаббудину ҳам Мудин,
Дар миён кӯчактарин Султонназар.[1]

1. Султонназар – Худоназар.

Нолаву фарёди модарҳо баланд,
Мулки афғон сар ба афғон омада.
Кӯдакони бегунаҳ дар зулм банд,
Рӯи дарё тирборон омада.

«Во дареғ»-у «во балам»-ҳо дардхез,
Оҳу воҳи модарон мезад ба гӯш.
Дар дили шаб, дар дили дарёи тез,
Мешикасту бешарар мешуд хамӯш.

Се шабу се рӯз омад оҳувоҳ,
Ки дили ҳар модаре садпора гашт.
Рӯ ба раҳми ломакон бигрифта роҳ,
Худ ғарибу кӯдакаш бечора гашт.

Гӯиё аз оби чашми кӯдакон
Дашти «Кокул» кокулонашро бишуст,
Мардуми таҳҷоии ин хокдон
Рӯзи маҳшар дида буд бори нахуст.

Мулки Фархор он замон чун модаре
Кӯдаконро гарм дар оғӯш кард.
Бӯтахон-марди худоҷӯву сахӣ
Чун падар рӯзиашон бар дӯш кард.

Солҳо будӣ равон чун оби Панҷ,
Меваҳои инқилоб оварда бор.
Навбаҳор омад, расид айёми ганҷ,
Рӯзи равшан гашта буд шабҳои тор.

Давлати Нав, рӯзи Нав омода буд,
Ҳамчу гул бишкуфт рӯи марду зан.
Шоми дилҳои сиях пурнур шуд,
Бекасонро ҳам падар шуд ҳам Ватан.

Бештар гармӣ ба ҷонҳо мерасид
З-офтоби рӯҳбахши рӯзи нав.
Рӯзҳо бигзашта бо садҳо умед,
Бе ҳаёҳу, бо навову сози нав.

Аз шукӯҳу файзи дасти одамӣ
Мулки Фархорам зи нав обод гашт.
Ҷумла дилҳои ғамолуда даме
Аз ҳуҷуми дарду ғам озод гашт.

Кони ганҷу кони тиллои сафед
Аз замини шӯра хезад ҳар замон.
Ҳар қадам дар роҳи фардо бо умед,
Гарм мешуд қалби поки одамон.

Бар муроди дил Сияҳмӯ ҳам расид,
Гуларӯсак бахти худро ёфта.
Боғи умраш обаки ширин чашид,
Кокулон аз мушку анбар бофта.

Лек доғи додараш Султонназар
Ҳамчу моҳе буд, ки аз ёдаш нарафт.
Додари гумгаштааш шуд дарбадар,
Кас суроғеву ба имдодаш нарафт.

Сарвати беинтиҳои ӯ – Сафар
Кӯч басту ҷониби Кӯлоб рафт.
Кулфати деринаи ӯ сар ба сар
Чун хаёлу хоб андар об рафт.

Аҳли маънӣ буд Сафар дар бандагӣ,
Ҳамқарину ҳамғамаш гардида буд.
Дар ҳама қолу мақоли зиндагӣ
Ҳамнишину ҳамдамаш гардида буд.

Боғу роғи нав ба нав эҳё шуда,
Мурғакон бо шавқ хониш мекунанд.
Сар ба по саҳро пур аз гулҳо шуда,
Одамиро бас ситоиш мекунанд.

Дур карда тарсу ваҳме аз хаёл,
Аз Шакархон хони неъмат ёфт ӯ.
Шукр мекард аз Худои Зулҷалол,
К-офтоби бахт сӯяш тофт Ӯ.

Дар чунин рӯзи накӯву файзбор
Аҳриман омад ба рӯи одамӣ.
Номи ҷангу ҷангҷӯён бодвор
Бӯи хун овард сӯи одамӣ.

Аз забоне бар забон буд номи ҷанг,
Оташи ҷанг, оташи қаҳру ғазаб.
Дар дили мардони бономусу нанг
Ҷӯш мезад ҳар қадам, дар ҳар ваҷаб.

Ҷони худ бахшида дар ҳар деҳу шаҳр
Сад ҷавон, садҳо фидоӣ беибо.
То шавад гум ҷангҷӯ, пирони даҳр
Аз худои хеш кардӣ илтиҷо.

Шомуҳаммад гашт як тан ҷонфидо,
Родмарде, дасту бозу оҳанин,
Рафт бар ҷанги аду, то хасмро
Сар занад аз рӯи дунёву замин.

Номае омад зи майдони набард,
Бӯи ҷону бӯи хун омад аз ӯ.
Шомуҳаммад карда иншо пур зи дард,
Хонда нафрат аз таҳи дил бар адӯ.

«Шаҳри Харков сар ба по дар оташ аст,
Марг борад аз самояш аз алам.
Гоҳ ҳуштак мекашад тире ба шаст,
Танк наъра мезанад дар ҳар қадам».

Баъди чанде номаи дигар расид,
Бо ҳарорат аз Зафар дод ӯ хабар.
Лек захмӣ гаштаву дорад умед.
То шифо ёбад, чашад шаҳди зафар.

Шомуҳаммад тоҷики бо ору нанг,
Душмани бадкинаро дода ҷазо.
Шукр дорад, бар ватан омад зи ҷанг,
Буд маҳруме агарчи ӯ зи по.

Шомуҳаммад рафта буд баъд аз Ятим,
Рафт бар ҷанги аду баҳри зафар.
Моҳҳо шуд дар гузар ҳамчун насим,
Аз Ятим аммо намеомад хабар.

Аз миёни оташу дуду набард
Ногаҳон омад хабар, ки зинда аст.
Дар қатори родмардон сарбаланд,
Ахтари бахташ басе тобанда аст.

Гоҳ зери хоку хун гардидааст,
Тан ба тан бо марг гашт ӯ рӯ ба рӯ,
Тору мори нокасонро дидааст,
Сӯхт деҳу хонаву ҷони адӯ.

Қиссаи ҷангии ӯ омад дароз,
То Кинизбургу ба Румин мерасад.
Бо ҳама инъом гашт ӯ сарфароз,
Лаззаташ имрӯз беҳин мерасад.

Чун Ятим аз ҷанг гашт, ӯ дарзамон
Сарвари деҳи Сафармад шуд таъин.
Ҳамчу додар зан бидодаш Бӯтахон,
Чун падар додаш дуову офарин.

Ҷумла фарзандони беҳ додаш Худо,
Тоҳиру Ҳусейнӣ – Ҳасан, Маҳмадназар,
Ҳам Гулистон – гулҷамоли хонадон,
Ҳам Ягона – гул ба гулзори падар.

Қиссаи талхаш чу ояд пеши рӯ,
Шукр мекард аз гузашти рӯзгор.
Завҷааш – Шайхонбибии моҳрӯ
Шод буд аз додаи Парвардигор.

Дар қатори номдорони матин
Қаҳрамони ҷангу меҳнат буд Ятим.
Ҳамқаноташ Шобудину ҳам Мудин,
Пуштибони ӯ Худованди карим.

Як шабе бемор гашта Шобудин,
Марги худро гӯиё дид ӯ зи пеш.
Гуфт: – Асомуддин нишонӣ аз ман аст,
Ай Мудин, ӯро бидон чун ҷони хеш.

Шобудин чизе надид аз умри худ,
Зери чанголи аҷал ғамнок гашт.
Гул зи гулзори муродаш канда шуд,
Гӯиё ки хок буду хок гашт.

Марди тамкину баномусе Мудин,
Аз ҷавонӣ нарми тақводор буд.
Чун кишоварзи асилу некбин,
Сар ба по марди банангу ор буд.

Бибихонумро ба худ ӯ ёр кард,
Духтарон додаш Худову се писар.
Доғ буду доғ мешуд ӯ зи дард,
Пеши рӯ оварда фарзанди падар.

Ҳам Ятим аз ёди ӯ орӣ набуд,
Дар фироқаш нолаву фарёд кард.
Шомуҳаммад бо дуову бо дуруд,
Бо дуои нек рӯҳаш шод кард.

Омад аз Кӯлоб ногаҳ ин хабар,--
Ки Сафар бигзашт аз дунёи мо.
Баргигул аз ғам шудӣ хуни ҷигар,
Ҳамчунон Маҳмадалӣ шуд дар азо.

Сар хаёлӣ буд Сияҳмӯ, шаб нахуфт,
Он чӣ бар сар омадаш, Шокир будӣ.
Дар канораш ду сағиру шукр гуфт,
Худ худои меҳрубон нозир будӣ.

Бо ҳама буду набудаш пур зи дард,
Солҳои наҳсу ҳам сангин гузашт.
Сар бадар кард офтобаш рӯзи сард,
Абри осӣ дар назар ғамгин гузашт.

Кӯч баст ӯ, озими Фархор шуд,
Бо гузаште бахт сӯяш ханда кард.
Гулсимо зебандаи гулзор буд,
Бори дуввум ёраки арзанда кард.

Умр гӯё хас ба рӯи об буд,
Зиндагӣ ҳамранги дарё мегузашт.
Одаме дар банди ғафлат хоб буд,
Бехабар аз дори дунё мегузашт.

Хушхабар омад ба сони тир тез,
Гӯиё Султонназар пайдо шудаст.
Дар ғами ёру бародар ашкрез,
Дӯстони хешро ҷӯё шудаст.

Ин хабар ҳамранги оташпорае
Лахчаи оғораро афрӯхт, рафт.
Дарду ғамҳои куҳан бе сӯзане
Дар қабои нав зи нав ӯ дӯхт, рафт.

Боз соле бехабар андар гузашт,
Қосид омад, қосиди фархундапай.
Юсуфи гумгашта ин дам мерасад,
К-ӯ раҳи дуру дарозе карда тай.

Як ҷавони нозанин омад ба дар,
Ё Худоё, марду зан дартоз шуд.
Ҳам Сияҳмӯ мурғаке буд кандапар,
Рӯ ба сӯи об дар парвоз шуд.

Чун ба рӯи он ҷавон ду дида баст,
Гуфт не-не, додари ман нестӣ.
Додари гумгаштаи ман мурдааст,
Ку бигӯ чун омадӣ, ту кистӣ?

Лаҳзае бехуд бишуд Султонназар,
Ҳалқа мезад дар гулӯ ашк аз алам.
Дидаҳо аз ашк пур гардида тар,
К-оҷизӣ дорад ба тасвираш қалам.

Чун Сияҳму рӯи раҳ бо мижа рафт,
Аз замин бардошташ Султонназар.
Бӯса кард аз мӯву аз рухсор гуфт:
Ҷон, апаҷон, ин манам, аз нав нигар.

Ин муаммо тораки сарбаста тофт,
Ки Мудин ин дам кушод андар назар.
Додари ҷон гуфту бар сӯяш шитофт,
Даст доду кардаш оғӯш аз дигар.

Рӯзи аввал мизбонаш шуд Мудин,
Расми хуби тоҷикон омад ба ҷо.
Аҳли деҳ омад ба табрик инчунин,
Дар забонҳо хайра макдам, марҳабо.

Шомуҳаммад омаду омад Ятим,
Ҳар як ӯро гарм дар оғӯш шуд.
Ёфт поён бар ҳама рӯзи алим,
Деги шодиву фараҳ дар ҷӯш шуд.

Шод будӣ он даме, озурда шуд,
Гӯиё мӯе дар оташ тоб хӯрд.
Ҳам гули рӯяш каме пажмурда шуд,
Навниҳол аз решааш заҳроб хӯрд.

Кӯдакиаш ёд омад он замон,
Мард буд ӯ, бо алам ҳай-ҳай гирист.
Шуд ҳамоно оби чашмонаш равон,
Кас надонист ин алам аз баҳри чист.

Қиссае дуру дароз оғоз кард,
К-аз лаби дарё[1]ба дунё мерасид.
Чун дари розу ниёзаш боз кард,
Одамӣ ангушти ҳайрат мегазид.

Он даме детдомӣ гаштам дар назар,
Рӯзи рӯшан пеши чашмам хира шуд.
Дар қатори сад сағири бепадар
Кор моро рӯзу шабҳо гиря буд.

1. Дарёи Панҷ дар назар аст.

Ку падар, додар, бародар хоҳарам,
Чашм дар раҳ, менишастам интизор.
Модарам ку, модари ғампарварам,
То бибӯсам, гарм гирам дар канор?!

Ҷои модар доя меомад барам,
Қомати зебои худро мешикаст.
Даст мемолид бар рӯву сарам,
Ашкрезон дар канорам менишаст.

Доя гарчи меҳрубон ғамхор буд,
Ҷои модар буд холӣ дар дилам,
Дар бари ман то саҳар бедор буд,
Кай тавон берун барорад аз гилам?!

Рӯзу шабҳо пушти ҳам омад падид,
Интизорӣ мекашидам ман ҳанӯз.
Модарам ҳар шаб ба хобам мерасид,
Аллаам мегуфт гӯё то ба рӯз.

Машъала аз нав ба дил афрӯхтам,
Ёд мекардам Ватанро бештар.
Оташи ҳиҷрон дучандон сӯхтам,
Хом будам, пухта гаштам бехабар.

Пур зи дарду ғам сағириам гузашт,
Мактаби олӣ дар оғӯшам гирифт.
Касб кардам, нома ҳам омад ба даст,
Зиндагӣ аз сар дар оғӯшам гирифт.

Аз паси ёддоштҳо рӯзам гузашт,
Обу тобам дод кори зиндагӣ.
Дуди оҳам дар димоғам мешикаст,
Мезадам гум дар ғубори зиндагӣ.

Амр буд амри Худо ё аз Ватан,[1]
Ё ки худ ин бозии тақдир буд?!
То ба Кӯлобам биёям хештан,
Ҳарду поям бастаи занҷир буд.

---

1. СССР-ро дар назар дошт.

Он чӣ аз тақдир буд, амри Худо,
Пардаи яъс аз миён бардоштам.
Зинда медорад маро ёди шумо,
Ҳар куҷое пои худ бигзоштам.

Шуд ғамангезе садояш бештар,
Ашки сӯзон, дидаи хуншор дошт.
Чеҳраи маҳтобиаш дар лола тар,
Ду бари рухсорааш гулнор дошт.

Аз ҳамон рӯзе, ки ақлам тоза шуд,
Ҳушу гӯшам бо шумо буд ҳар куҷо.
Аз дили ман лаҳзае берун набуд
Меҳри поки ин Ватан, меҳри шумо.

Абр гарчи дилсиёҳи рӯсиёст,
Офтобу маҳ ҳамон тобанда аст.
Гуфтаи марди хирад панде ба ҷост,
Ҳар касе ҷӯяндаву ёбанда аст.

Чун ба Помир омадам бори нахуст,
Маст гаштам аз ҳавои меҳанам.
Хоки пояш бӯса кардам ҳамчу дӯст,
То даме осуда шуд ҷону танам.

Шод будам ман дар ин мулки куҳан,
Ҳамраҳӣ мекард моро тоҷике.
Бо забони модарӣ кардам сухан,
Ӯ ба ҳайрат гуфт: – Оё Тоҷикӣ?

Гуфтам оре, тоҷдорам, тоҷикам,
Дар ғарибӣ зиндагӣ дорам ҳамон.
Дур бошам ҳам, ба номаш содиқам,
Меҳанамро дӯст медорам зи ҷон.

Пурсупосаш кардаму он дам ҷавон
Гуфт ман Кӯлобиам, инҷоӣ на.
Аз шумо пурсидамаш ман дар замон,
Гуфт: – Дар Фархор хешонат ҳама.

Баъди он ки Шурачонам шуд хабар,
Кард шодӣ ӯ қаторам дам ба дам.
То бубинам ман шуморо тезтар,
Бо умеде Тоҷикистон омадам.

Ҷони ширин, апаҷонам, ман туро
Ҳар қадам, аз ҳар сухан мекофтам.
Шукр месозам ба даргоҳи Худо,
Ки шуморо ман саломат ёфтам.

Ман ба тақдир аз азал тан додаам,
Нестам озурдаву аз кас малол.
Гарчи аз тифлӣ ғариб афтодаам,
Шукр мегӯям чу марди баркамол.

Чанд гоҳе бо азизон сайр кард
Дар ҳавои беғубори меҳанаш,
Гӯӣ аз худ дур кард ӯ ранҷу дард,
Бо навои обшори меҳанаш.

Ҷумла ёроне, ки бас мекофт ӯ,
Меваи ширини олам будааст.
Ҷомаи ғам пас зи тан партофт ӯ,
Заҳргири одам одам будааст.

Аз тамошои Ватан серӣ надошт,
Ногузир аммо ба рафтан шуд тайёр.
Гӯиё дар ҳарду чашмаш чашма дошт,
Гуфт бахшедам маро хешу табор.

Дар Фрунзе[1] хонаву дар интизор,
Шӯраҷонам, ёри беҳамтои ман.
Ҳам Валера, ҳам Назар бо чашми чор,
Лолаҷони лолаи саҳрои ман.

Пас дуое хост аз пирони деҳ,
Хайрухуш карду ба роҳаш боз рафт.
Ӯқдаи ҳиҷрон дубора зад гиреҳ,
Кабки рав буд, боз дар парвоз рафт.

---

1. Фрунзе – Бишкеки ҳозира.

Вақти рафтан даст доду аҳд баст,
Чун ватандор ӯ биояд баъд аз ин.
Ин сухан даври забонҳо нақш баст,
Ҳар яке хонданд бар ӯ офарин.

Солҳо ҳамранги дарё мегузашт,
Аз Фрунзе не хат омад не хабар.
Боз сӣ соли дигар модар нишаст,
Интизори додараш Султонназар.

Роҳрӯбон модарам дар роҳи деҳ,
З-интизорӣ қоматаш шуд чун камон,
Чини абрӯ зад ба пешонӣ гиреҳ,
Номи додар дар забон буд, дар забон.

Чашм дар раҳ интизорӣ мекашид,
Шоирона шеърхонӣ менамуд.
Заҳри ранҷурӣ ба пинҳон мечашид,
Заъфи пирӣ қувваташро мерабуд.

«Додарамро, эй Худо, ин дам биёр,
То намонад ормоне дар дилам.
Баъди маргам гар биёяд бар диёр,
Бӯи шодӣ хезад аз хоку гилам.

Ин ниҳоли арчагӣ зардаст, зард,
Гаҳ ба чанги дуди раҳгард аст сард.
Додари ҷон, ту вале осуда бош,
Гарчи тавқи одамӣ дард аст, дард».

Шеър мегуфт ӯ ба номи додараш,
Айши дунёӣ зи худ ӯ дур кард.
Ашки хунин, чархи чашмони сараш,
Интизорӣ охир ӯро кӯр кард.

«– Додари ҷон, додари раҳдуруме,
Дар ғами ту зиндаи дар гӯруме.
Ҳолиё бинӣ агар ҳоли мара,
Вой мегӯӣ, апаи кӯруме?!»

Интизорӣ, во аҷаб, сангин будаст,
Кӯҳи ғам аз кӯҳ ҳам вазнин будаст.
Бо хаёле ҳар саре рангин будаст,
Зиндагӣ бо ин ҳама ширин будаст.

Юсуфи гумгашта шуд Султонназар,
Модарам Яъқуби Канъон буду бас.
Интизорӣ дошт бе нуре басар,
Аз алам умре ба зиндон буду бас.

Рӯзи маргаш модарам н-ором буд,
Ӯ ҳамоно интизорӣ мекашид.
Марг чун оҳанги ҷонаш менамуд,
Додари ҷон… гуфту сард оҳе кашид.

Модарам аз умракаш чизе надид,
Ӯ дари ганҷинаи худ боз кард.
Бӯса кард аз рӯи ман, бӯям кашид,
Пандҳои вопасин оғоз кард.

Аз бари ду гунаи пажмурдааш
Ғӯра-ғӯра ҷорӣ ашки талх гашт.
Аз тафи дил, он дили садпорааш,
Ё Худоё гуфту аз олам гузашт.

Ашкҳои вопасини модарам
Ҳамчу тире бар ҷигар сӯзанда буд.
Дарк кардам, дар шикан зад шаҳпарам,
Лек рӯҳи модарам созанда буд.

## АЁ МОДАР

Сари гӯрат дуо кардам, аё модар!
Даруни гиряҳо кардам, аё модар!

Бувад то рӯҳи шодат рӯи ҷаннат,
Худоро илтиҷо кардам, аё модар!

Агар ҷаннат қадамгоҳи ту шуд моро,
Зи хокат тӯтиё кардам, аё модар!

Бубахшоям, сари ҳар ноз дар хурдӣ
Басо кори хато кардам, аё модар!

Ту рафтиву ятимӣ банд поям кард,
Ки кай ӯро раҳо кардам, аё модар!

Чу шир аз чашмаи инсоф нӯшам буд,
Ситамро пешпо кардам, аё модар!

Ҳазорон шукр, ки арвоҳи поки ту
Зану фарзанд ато кардам, аё модар!

## ДИДОРИ МОДАР

Аҷаб дидадаро дидори модар,
Чӣ форам дилрабо дидори модар.

Миёни сад ҳазор алфоз дар гӯш
Гуворо мерасад гуфтори модар.

Сари ҳар нахли умраш гӯиё боз
Шукуфон мешавад гулзори модар.

Парастуи хаёл, аз ахтарон пурс
Нишонӣ чашмакони чори модар.

Бари гавҳораи тифлон ба ёд ор
Шаби бехобию душвори модар.

Муроди дил ба бор орӣ, даме ки
Шавӣ огаҳ зи ҳар асрори модар.

Вабои ҳарду оламро сазовор
Бувад он, ки кунад озори модар.

## АЗ ЗАБОНИ АПААМ ШАМЪИГУЛ

Модарамро гар надидам, модарандар доштам,
Модарандар чун бигӯям, ҷони дигар доштам.

Кӯдаки навзод будам, омаду дастам гирифт,
Хоки раҳ мегаштам он дам, тори сар бардоштам.

Аз забони ангубинаш ман забон омӯхтам,
Сар ба рӯи синаи пурмеҳри ӯ бигзоштам.

Меҳр зод оғӯши гармаш, меҳр дод афзун маро,
Дар замири кӯчакам тухми муҳаббат коштам.

Боғи умри худ ба рӯям бо ҳавасҳо боз кард,
Чун ниҳоле дар канораш шод қад афроштам.

Ҷони ман дар ҷони ӯ буд, ҷони ӯ дар ҷони ман,
З-ин сабаб боре нагӯям, ки на модар доштам.

Гар намебуд модари ту модарам, Абдураҳим,
Ҳам чу ту кай, додари ҷон, додаре медоштам?!

## НАВҲАИ МОДАР

*(Манзума)*

Ибтидо кардам ба номи Кирдгор,
Холиқ асту қодир асту созгор.

Он чӣ хоҳад, дар замон бечун кунад,
Соф гоҳе обу гоҳе хун кунад.

Хуни лахбаста ҳамедорад сареҳ,
Лутф орад, бозбикшояд гиреҳ.

Ҷавҳари ин достон афзун кунад,
Ҳам зар аз хоки сияҳ берун кунад.

Тозиёна медиҳам андешаро,
То ба санг оина созам шишаро.

Шишае бишкаставу қалбе хароб,
Хуни дил олудаӣ, ҷоми шароб.

Пеша дорам қиссаи ғамнокро,
То ба оби ғам бишӯям хокро.

Бо алам дар дидаи дафтар задам,
Бо қалам гулғунчаеро сар задам.

Аз паи кори қалам берун шудам,
Хун гиристам, ҳамзамон дилхун шудам.

Моҳи май буд, охири фасли баҳор,
Бод форам мевазид аз кӯҳсор.

Вақти пешин аз дабистони ҳунар,
Булбулони боғи дониш дар сафар.

Рӯ ба сӯи деҳи Ҳафтахта равон,
То ба боли деҳи Кушкак дав-давон.

Абри оси ногаҳон пайдо шуда,
Осмонҳо тираву расво шуда.

Абр гӯё кинаи дерина дошт,
Даст дод ӯро аҷал, ки ҳина дошт.

Нолаи талх аз дили ношод кард,
Хун гиристу ҳавзҳо эҷод кард.

Лоҷарам он ҳавзҳо як ҷо шуда,
Ҷамъи ёрон ҳамраҳи дарё шуда.

Офат омад ин замон аз тарфи кӯҳ,
Гӯиё барпо бишуд тӯфони нӯҳ.

Гӯй море мехазид аз кӯҳсор
Ки дили модар-замин шуд беқарор.

Барқи оташзо саморо сӯхт, рафт,
Аз замин то осмонро дӯхт, рафт.

Раъд мезад наъра чун шери жаён,
Марг меборид гӯё з-осмон.

Дашту домон ин замон хунранг буд,
Гӯиё арзу само дар ҷанг буд.

Ларза дар андом сарву бедрост,
Чодари дудин ба сар хуршедрост.

Зери абри тира пинҳон офтоб,
Гар бибинӣ, ашк резӣ чун саҳоб.

Кабки хушрафтор аз рафтор монд,
Боғ холӣ, тӯтӣ аз гуфтор монд.

Дар димоғи селроҳи сабзпӯш,
Бӯи марг аттор мондӣ дар фурӯш.

Булбулон аз дарси дунё бехабар,
Охирин шуд ҳар киро ин ҷо гузар.

Гӯӣ овозе саромад шаршара,
«Марг, марг омад»-садо мезад дара.

Навниҳолон решагардон ғарқи об,
«Сад дареғо, сад дареғ» омад ҷавоб.

Кас намедонист, к-ин рӯзи баҳор
Ҳар якеро мезанад бӯи мазор.

Лаҳзае нагзаштаву омад хабар,
Ки замин ҷунбиду одам шуд бадар.

Пиру барноро сано бодо, сано!
Қад-қади селобаи хуношно

Ҳар яке домони ғайрат бар зада,
Дидаи хунранг бар соғар зада,

Аз ғарикҷе ҳар ки то ёбад нишон,
Дар талаб омад ҳама пиру ҷавон.

Навниҳоле бо азоб омад ба чанг,
Нолаи мардум гузашт аз қалбу санг.

Сел якро зери лой афканда буд,
Риштаи умре ба дандон канда буд.

Он яке чун хас ба рӯи об рафт,
Бехабар аз худ ба дасти хоб рафт.

В-он сарафканда дигар дар хок буд,
Дидани ин манзара ғамнок буд.

Ин ҳаёт аст, аз мамот ояд сухан,
Лоларӯ бо хуни дил бояд сухан.

Навҳаи ҳар модаре орӣ ба гӯш,
Қалби худ садпора медорӣ хамӯш.

Навҳа дорад модаре аз манзиле,
Чашмасо хун медамад аз ҳар диле.

«Дӯстонам мурда пиндорен мара,
Бо Садаф дар хок бигзорен мара.

Модаре мегуфт ёвар ку маро?!
Хонарӯву обовар ку маро?!

Гавҳароям-гавҳари чашмони ман,
Зумратоям – қуввати тан, ҷони ман.

Зиндагӣ аз баҳри ман гаштӣ ҳаром,
Кош мемурдам ба ҷои духтаром.

Хушк гаштӣ навниҳолум, Арчамо,
Во Таваккал, ҷони ширин, бачамо.

Бачаҷонум хок дар сар кардиё,
Модаратро ҳам ба хун тар кардиё.

Модаре дилреш гуфтӣ бачаме,
Ҷотами дар хоку хун оғуштаме.

Ҳотами афсонаам раҳгум задӣ,
Чун зи мактаб омадӣ, дар қум задӣ.

Он тани беҷони ту шуд зери хок,
Хун даруни синаам, дил чок-чок.

Ай Ҳақиқатмаҳ, ҳақиқат шӯр нест,
Марги ту ҳам аз ҳақиқат дур нест.

Гарчи ту аз ин ҷаҳон по кандаӣ,
Баҳри очат зиндаӣ ту, зиндаӣ.

Нолаҳои зор дорад модаре,
Гӯиё дар сина мезад ханҷаре.

Офтоби хонаам – Партовуме,
Партави ду дидаи ноёбуме.

Нури чашмонум агарчи канда гашт,
Шукр мегӯям, Худоро банда гашт.

Навҳа дорад модаре аз дард чанд,
К-оби ҷӯ аз ашки сӯзон шуд баланд.

Қумрихонам, қумрии бечонуме,
Байни ду қошат барояд ҷонуме.

Духтари болобаланди очае,
Кулчарӯву кулчақанди очае.

Моҳи оча, чодаратро дӯхтӣ,
Худ бирафтӣ, модаратро сӯхтӣ.

Чодарат дар хона ҳайрон, меравӣ,
Мо ҳама гирён ту хандон меравӣ…»

Аз миёни деҳа боло шуд ғирев,
Дар канори деҳа барпо шуд ғирев.

Дар дилу дар дидаҳо ҷо шуд ғирев,
Сард гашту ҳамчу сармо шуд ғирев.

Аҳли русто мотами ҳам ғам зада,
Қалбҳо хун, дидаҳо дар нам зада.

Дар сари мӯ шона пинҳон мегирист,
Ҳам дару девору айвон мегирист.

Одамӣ чӣ, балки дунё мегирист,
Лола ғарқи хун ба саҳро мегирист.

Шаб даромад, сина бар маҳтоб зад,
Деҳаи Ҳафтахта ғам дар хоб зад.

Ай муғаннӣ, нағмае эҷод кун,
Захма зан бар тори дил, фарёд кун.

Ҳарчи ояд аз Худои муттаол,
Шукр бояд дар ҷавобаш бесавол.

Субҳи шодӣ шаҳпари худ бар кашад,
Зулмати шаб чодари худ даркашад.

Бо умеди субҳи гардон зинда бош,
Ҳам ба ёди дӯстдорон зинда бош!

# РУБОӢ

Имрӯз, ки модар интизорам бошад,
Дар паҳлуи ӯ нишаста ёрам бошад.
Гар дода маро модари ҷон бахти баланд
В-он ёраки ҷон гули баҳорам бошад.

# ДУОИ МОДАР

Дуоям деҳ, аё модар, дуоям деҳ!
Ки ҳаргиз бе дуои ту,
Дуои рӯҳбахши ту,
Набигзорам
Ман аз хона қадам берун.
Дуоям деҳ, аё модар, дуоям деҳ,
Агарчи дур мегардам.
Ҳамедонам ба роҳи ман
Ду чашмат чор мебошад.
Дар ин рӯзони маҳҷурӣ
Дилат хуншор мебошад.
Аё модар,
Ту мегуфтӣ,
Ватанро то сипар бошам,
Таманно доштӣ, то ҳамчу инсони асил
Соҳибҳунар бошам.
Чу хуршеди саҳар бошам.
Биё модар,
Биё, дилсӯзи ман дар олами шодиву мотамҳо,
Дуоям деҳ,
Дуои хайри роҳи хайр!

## ҲАСРАТ

Хок манам, хок манам,
Пок манам, пок манам.
Меҳани амлок манам,
«Соҳиби афлок манам».

Одамӣ фарзанди ман аст,
Дилбару дилбанди ман аст.
Балки ҷигарбанди ман аст,
Модари ғамнок манам.

Лоласитон пуштаи ман,
Аз дами ҳар куштаи ман,-
Ғам ба ғам оғуштаи ман,
З-ин рӯ аламнок манам.

Одамиро хона манам,
Ризқи варо дона манам.
Ҳотами афсона манам,
Модари бебок манам.

Ҳар дам агар бепадаре,
Нохалафе, бебасаре
Канда кунад мӯ зи саре,
Бо дили садчок манам.

# КАНОРИ ВАТАН-МОДАР

*(Аз забони Дилшоди Ашӯр, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ бо марг рӯ ба рӯ омадааст)*

Сари сарпанҷае зад чангноям,
Замин гӯё фурӯ шуд зери поям.

Ҳазорон дӯғу пӯписа ба сар рехт,
Шатоҳе шатта медод аз қафоям.

Худо гуфтам, Худоё ман ғарибам,
Амонам деҳ, амонат то раҳоям.

Ҳамин дар раҳми бераҳме бичунбид,
Яке хам гаштаву гуш зад садоям.

Бигуфт «умер, пошли ребята»,
Ки дил ларзид, нолид аз бароям.

Танам чун тӯтае дудаш сияҳ шуд,
Гурезон гашт ҷони ғамсароям.

Бигуфтам нури раҳмонӣ куҷоӣ,
Бигуфт ором, ман ҳоло ба ҷоям.

Ба амри зулҷалоли холиқи даҳр,
Даво дидам ба рағми дардҳоям.

Канорат омадам монанди фарзанд,
Ватан – Модар, диёри бебаҳоям.

# ШИРИ МОДАР –
# ҲАВЗИ КАВСАР

Шири модар – ҳавзи кавсар,
Рӯи модар моҳтоб аст.

Синаи меҳр асту шафқат,
Оғуши гармаш ҷазоб аст.

Шири модар, ҳавзи кавсар,
Ҳарду тавъам, шаҳди ноб аст.
Зери пояш ҷаннати мост,
Ин ривоят аз китоб аст.

Хайру эҳсон баҳри модар
Аз ҳама кори савоб аст.

Ҳар касе қадраш надонист,
Дар ду олам дар азоб аст.

Пас чаро мо жарф кобем
Гӯри модар?
Чӣ ҷавоб аст?!

# МУНДАРИҶА

Ашки модар ........................................... 3
Аё модар! ............................................... 29
Дидори модар ....................................... 30
Аз забони апаам Шамъигул ................ 31
Навҳаи модар ........................................ 32
Рубоӣ ...................................................... 41
Дуои модар .......................................... 42
Ҳасрат .................................................. 43
Канори Ватан-Модар............................ 44
Шири модар-ҳавзи кавсар ................... 46

Китоб бо тамғаи
нашриёти «Адиб» чоп шудааст.

**Абдураҳим Муталзоди Фарҳорӣ**

# АШКИ МОДАР

*(шеърҳо)*

Ороиши **Р. Шералӣ**
Тарроҳ **М. Муллоев**
Ҳуруфчин **Р. Атоева**

Ба матбаа 17.09.2009 супурда шуд.
Чопаш 24.09.2009 ба имзо расид.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Андозаи 60X84 1/16. Ҷузъи чопӣ 3,0.
Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17 а.